# Илми «Шикебой»





Шикебой ба кӯдак ҳиссиёте мебахшад, ки нисбат ба вай ғамхорӣ мешавад, дӯсташ медоранд ва он барои муносибатҳои пурмаънову муошрати хуб муҳим аст.

Илм исбот мекунад, ки шеваи муносибати волидайн ҳарчӣ камтар ҷазодиҳанда бошад, он барои кӯдак ҳамон қадар хуб аст.

Вақте волидайн сабру тоқатро аз даст медиҳанд, онҳо диққати кӯдакро аз дарси дар пешистода дур мекунанд ва стрессу маъюсиро барои кӯдаконашон эҷод менамоянд.

Илми асабшиносӣ нишон медиҳад, ки мағзи сари кӯдак ба таври кифоя расида нест, ки хунсардона вазъиятҳои маъюскунандаро идора кунад. Волидайн бояд батоқат бошанд ва кӯдакро ором намоянд.

Тарбия намудани шикебоӣ, назорат кардани худ ва дарки эҳсосӣ ба камолёбии мағзи сари кӯдак кӯмак менамояд.

Кӯдаконе, ки волидайнашон хашму ғазаби зиёдро нишон медиҳанд, назар ба ҳамсолонашон аз оилаҳои оромтар, бештар озордиҳандаву хашмгин ва бештар афсурда ё дилтанг мебошанд; дар мактаб низ таҳсилоти онҳо хуб нест.

Волидайне, ки ба ҷои ҷазо додан бештар ҳамкорӣ менамоянд, кӯдаконашон бештар ҳисси ҳамдардӣ мекунанд ва бо волидайни худ бештар ҳамкорӣ менамоянд.

Таҳқиқот тасдиқ менамояд, кӯдаконе, ки босабру шикебанда калон мешаванд дар муқоиса бо кӯдакони бетоқат пешравиҳои бехтар доранд.



## ИЛМИ «ҒАМХОРӢ»

«Аввал гӯш кунед», як ташаббуси Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ (UNODC) барои дастгирӣ намудани оилаҳои хушбахт, солим ва ғамхорона тарбиякунандаи фарзандон мебошад.

Барои ба даст овардани маълумоти бештар, лутфан ба сомонаи интернетии зерин ташриф оред:

**www.unodc.org/listenfirst**

Бо дастгирии саховатмандонаи Фаронса ва мардуми Ҷопон таҳия шудааст.

UNODC
United Nations Office on Drugs and Crime